# PLITONIT ГидроЭласт

PLITONIT Plitonit Deutsche Qualität

ПРОФЕССИОНАЛ БУДАН ОСОН АСТ




1,2 кг | 4 кг | 14 кг

✓**Адгезия бо рӯйпӯшкунихои баъдинаро баланд мекунад**
✓**Рӯйпӯшшавии баланд**
✓**Адгезияи пурқувваткардашуда 1,5 Мпа**
✓**Назорати визуалии хушкшавӣ**
✓**Ҳангоми нигоҳдорӣ яхкунонидан мумкин**

## Мастикаи чандири гидроизолятсионӣ дар асоси полимерӣ, бо пуркунандаи минералӣ

Боргирии дастурамал дар забони дигар/
Download the manual in another language
kz | az | uz | tj | kg | tm | am | ge | mn

### Соҳаи татбиққунӣ

Гидроизолятсияи чандири барои истифода омода. Барои офаридани гидроизолятсияи яклухти бечоки сохторҳои сохтмонӣ ва иншооти дохил ва беруни биноҳо (душхонаҳо, аз он ҷумла, бе тагмонак, ҳуҷраҳои ванна, ҳоҷатхонаҳо, покшӯйхонаҳо ва биноҳои дигари нам) пеш аз иҷроиши корҳои баъдинаи рӯйкашкунӣ.

| Намудҳои асос | Фарш / Деворҳо |
|---|---|
| Оҳан, оҳану бетон, блокҳои ҳуҷайрадор, хишт, лойи андова / ғӯрагаҷ дар асоси гаҷ, семент ё ки полимерӣ, ПГП, фаршҳои рехташаванда дар асоси сементӣ, гаҷӣ ё ки маҷмуавӣ | + |
| ГКЛ, ГВЛ, СМЛ, Аквапанель | + |
| ЦСП, OSB, фанера | + |
| Асосҳои суст ва бӯршаванда | — |
| **Намудҳои қабатҳои баъдина** | **Фарш / Деворҳо** |
| Ширеҷ барои лавҳа ва керамогранит | + |
| Фаршҳои рехташаванда дар асоси сементӣ, гаҷӣ ё ки маҷмуавӣ | + |
| Фаршҳои рехташаванда дар асоси эпоксидӣ | — |
| Ранг / гулкоғазҳо | — |

### Омодакунии асос

Сатҳ бояд аз чанг, ифлосӣ, равғанҳо, чарбу, шири сементӣ ва заррачаҳои дигари монеъшаванда ба пайвастшавии мавод бо асос тоза карда шавад. Тарқишҳо, кафишҳо, ковокиҳо ва нобаробариҳои нӯгтези дигарро то молида шудани гидроизолятсияи полимерӣ бо ғӯрагаҷ, лойи андова ё ки таркиби таъмирӣ дар асоси семент, масалан, PLITONIT РемСостав пур карда шаванд.

### Тартиби иҷрои корҳо

| | |
|---|---|
| 1 | Мастикаро пеш аз татбиқ бодиққат омехта кунед. |
| 2 | Мастикаро ба асоси омодакардашуда бо ёрии андоваи пӯлодин, навардча ё ки чӯтка молед. |
| 3 | Барои молидани қабати оянда - хушк шудани қаблиро интизор шавед (вақти хушкшавии қабати 1-ум - як соат, қабатҳои баъдина - 2-4 соат). |
| 4 | Корҳои баъдинаи ороиширо на пештар аз 8-10 соат баъд аз молида шудани қабати охирон ба амал бароред. |

**МУҲИМ! Агар маҳсулот ях кунонида шуда бошад, барои истифода бурда шудани он дар давоми 24 соат дар ҳарорати хона аз +10оС до +25оС иҷозат дода мешавад. Ба гармкунӣ бо мақсади яхкушоии нисбатан барвақттар иҷозат дода намешавад.**

**Миқдори қабатҳо номаҳдуд аст ва аз ғавсии талаб карда мешудаи рӯйпӯшкунии гидроизолятсионӣ вобаста аст.**

**Ҳангоми гузаронидани корҳо дар ҷойҳои часпиши "фарш-девор", инчунин дар минтақаи расидан ба қубурҳо ва шикофиҳои обрезӣ, масалан, ҳангоми гидроизолятсияи душ, ҳуҷраи шустушӯ татбиқ кардани тасмаҳои чандири гидроизолятсионӣ, масалан, PLITONIT ГидроЛента тавсия дода мешавад.**

### Тавсифномаи техникӣ

| | |
|---|---|
| Ғавсии тавсиядодашудаи як қабат | 0,5-1,0 мм |
| Хароҷоти мастика ҳангоми ғавсии қабат 0,5 мм | 0,7 кг/м² |
| Пӯшидани тарқишҳо бо ғавсӣ, то | 0,8 мм |
| Мустаҳкамии пайвастшавӣ бо асос баъд аз 28 шабонарӯз | на кам аз 1,5 МПа |
| Мустаҳкамии пайвастшавӣ бо асос баъд аз 28 шабонарӯзи нигоҳдории гарм | на кам аз 1,5 МПа |
| Тобоварии мастика ба гармӣ | то +70°С |
| Тамға оид ба обногузарӣ ҳангоми фишори бевосита | W6 |

### Миқдори қабатҳои молиданӣ ва хароҷот

| Соҳаи татбиқ | Миқдор и қабатҳо | Ғавсии умумии рӯйпӯш унӣ, мм | Хароҷ от, кг/м² |
|---|---|---|---|
| Деворҳо дар ваннахона / пешбанди ошхона | 1 | 0,5 | 0,8 |
| Фарш дар душхона/ҳуҷраи шустушӯ | 2 | 1 | 1,7 |
| Қабати ҷудокунанда ба лои андова (дар бинои дилхоҳ) | 1 | 0,5 | 0,8 |

### Шартҳои гузаронидани корҳо

Намнокии бақиявии асосҳои сементӣ бояд на бештар аз 2 %, асосҳои гаҷӣ – на бештар аз 0,5 %, Ҳарорати ҳаво ва асос дар вақти гузаронидани корҳо ва 2 шабонарӯзи оянда бояд на камтар аз +10°С ва на бештар аз +30°С бошад. Ҳарорати худи мастика на пасттар аз +10°С

### Диққат

Ба қабати гидроизолятсионии молидашуда зарар нарасонед. Мастика ба сифати сатҳи кушоди қорӣ ҳангоми таҳдиди зарарҳои механикӣ татбиқ намешавад. Барои рӯйкашкунии баъдинаи сатҳ истифода бурдани ширеҷҳо барои лавҳаи PLITONIT тавсия дода мешавад. Мастика барои гидроизолятсияи ҳавзҳои варзишӣ, ҷоҳҳо, гидроизолятсияи таҳхонаҳо, объектҳои дигар, ки ба фишори баландшудаи об гирифтор мешаванд, таъин нашудааст. Барои ин мақсадҳо истифодабарии гидроизолятсияи дукомпонентаи PLITONIT ГидроЭласт 2К тавсия дода мешавад.

### Чораҳои эҳтиёт

Мастика ба 4 дараҷаи хатарнокӣ (моддаҳои камхатар) тибқи СтД 12.1.007 мансуб аст

**Ҳангоми иҷроиши корҳо аз дастпӯшакҳо, айнакҳои муҳофизатӣ, воситаҳои ҳифзи аъзоҳои нафасгирӣ истифода баред**

**Расидани омехта ба пӯст ва чашмонро пешгирӣ кунед. Ҳангоми ба чашмон расидан дарҳол онҳоро бо миқдори зиёди об шӯед ва ба духтур муроҷиат кунед**

**АЗ КӮДАКОН ЭҲТИЁТ КУНЕД!**

### Таркиб

Композитсия дар асоси эмулсияи обии дисперсияи акрилӣ, пуркунандаҳои минералӣ ва иловаҳои функсионалӣ.

### Ҳамлу нақл ва нигоҳдорӣ

Мастика дар воситаҳои пӯшидаи нақлиётӣ тибқи қоидаҳои кашонидани борҳо ҳамлу нақл карда шавад. Дар биноҳои пӯшидаи хушк дар шароити таъминкунандаи нигоҳубини бандубаст дар ҳарорати аз +5°С то +30°С нигоҳ дошта шавад. Мӯҳлати нигоҳдорӣ дар тараи истеҳсолкунанда – 12 моҳ аз рӯзи истеҳсол

**Кафолати истеҳсолкунанда**

Истеҳсолкунанда мутобиқати омехтаро ба талаботи ШТ 23.99.12-001-51552155- 2019 ҳангоми риоя карда шудани шартҳои ҳамлу нақл, нигоҳдорӣ ва нишондодҳои дастурамали мазкур аз ҷониби истеъмолкунанда кафолат медиҳад. Истеҳсолкунанда ҳангоми риоя накардан ба технологияи корҳо бо мавод, инчунин татбиқ гардидани он бо мақсад ва шартҳои бо дастурамали мазкур пешбининагардида ҷавобгарӣ надорад.

Фарқият аз вазни холис тибқи СтД Р 8.579-2001. Маҳсулот барои истифода дар ҳамаи намудҳои сохтмони шаҳрвандӣ (Аэфф<370 Бк/кг, I дараҷаи маводҳо аз рӯи Сан-ПиН 2.6.1.2523–09 (НРБ-99/2009)) иҷозат дода шудааст.


**ХАДАМОТИ ДАСТГИРИИ**

**ИСТЕЪМОЛКУНАНДАГОН**

8 (800) 555 - 71 - 67

www.plitonit.ru

e-mail: info@mc-bauchemie.ru